Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кучаи С. Айнӣ 44)

## ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ, доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Насиров Раҳимбек ба диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

### 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқат мекунад: 10.1. Коркарди масъалаҳои илмии идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот; самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; назария ва амалияи идоракунии зиддибуҳронии ташкилот. 10.4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. 10.8. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқаманд; идоракунии равандҳо ва низоми муосири истеҳсолот.

### 2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, соҳаи воқеии иқтисодиёт буда, на танҳо амнияти озуқаворӣи мамлакатро таъмин менамояд, балки ба тарҳи рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст: «Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо бо назардошти беҳбуди муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии то андозае хатарнок ба алтернативӣ, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷираҳои арзиши иловашуда дар радифи тадбирҳои асосӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои

стратегии гузошташуда маҳсуб меёбанд». Аз ин рӯ, дар Паёми Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.с.2019) чунин таъкид гардидааст: «Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки як ҷо бо Вазорати кишоварзӣ ҷиҳати зиёд кардани майдони кишти зироатҳо, ташкили гармхонаву сардхонаҳо ва беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватании аз лиҳози экологӣ тоза, коркарди маҳсулоти соҳа ва афзоиши ҳаҷми содирот чораҳои қатъӣ андешанд. Аз як қитъаи замин руёнидани на як-ду, балки се-чор ҳосил, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва дар асоси рушди соҳаи тухмипарварӣ низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими фаъолияти олимон ва кишоварзон дар ин самт ба ҳисоб меравад».

Ҳалли ин вазифаҳои гузошташуда аз ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии (ИОЗИ) кишоварзӣ вобастагии зич дорад. Дар ҳошияи ин, бояд таъкид намуд, ки омили муҳими баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолиро идоракунии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, қабл аз ҳама, захираҳои моддиву меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун вазифаи муҳим дар маҷмуи вазифаҳои идоракунии захираҳо, хусусияти ташкилӣ дошта, тамоми муносибат ва алоқаҳои сабабиву оқибатии миёни самтҳои гуногуни фаъолияти корхонаро дарбар мегирад.

Дар вилояти Хатлон иқтидорҳои бузурги рушди иқтисоди кишоварзӣ мавҷуд буда, корхонаҳои кишоварзии вилоят беш аз 50%-и ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии мамлакатро истеҳсол мекунанд. Аммо аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар самти асосии фаъолияти истеҳсолии худ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои итеҳсолиро ворид накардаанд ва ин омилро барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот дар сатҳи кофӣ истифода намебаранд, хусусан роҳбарон ба муаммои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба таври кофӣ аҳамият намедиҳанд. Дар натиҷа дар хоҷагиҳо низомномаҳои зарурии таҳия кардашуда вуҷуд надоранд ва меҳвари вазифаи иҷрокунандагони мушаххас муайян нагардидаанд. Бо сабаби мураккаб будани вазъияти иқтисодӣ ва дараҷаи пасти касбии кормандон, корхонаҳои зиёди кишоварзӣ азнавташкилкунии идоракунии захираҳо ва низоми истифодаи оқилонаи захираҳоро амалӣ накардаанд. Дар маҷмӯъ, ҷорӣ намудани равандҳои нави технологии сарфакунандаи захираҳо ба мақсадҳои гузошта шуда мувофиқат намекунанд. Аксарияти вазифаҳои идоракуниву ташкилӣ иҷро намешаванд. Аз ин лиҳоз, таъсиси низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ тақозои давраи муосири рушди мамлакат ва минтақаҳои он мебошад, ки мубрамияти мавзӯи диссертатсияи мазкурро исбот менамояд.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя иешниход шудааст

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар коркарди асосҳои назариявӣ ва методии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НИОЗИ) ва

асосноккунии пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Доир ба моҳияти захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот муқаррароти муаллифӣ бароварда шудааст; мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» муайян карда шудааст.

2. Захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаҳои миёни онҳо (алоқаҳои сабабӣ-натиҷавӣ), ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асосноккардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбанд, гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Доир ба ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ҳамчун маҷмуи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ, ки вазифаҳо ва имкониятҳои худро бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ амалӣ месозанд, таҳияи принсипҳои асосии интихоби қоидаҳои методӣ ва усулҳои арзёбӣ, ки ба таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат менамояд, таснифоти муаллифӣ дода шудааст.

3. Ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, умуман номгӯи корҳое, ки бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муносибати бевосита доранд, арзёбӣ карда шудааст.

4. Исбот карда шудааст, ки дар миёни манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ манбаъҳои ташкилӣ, ки ба ҳамаи унсурҳои низоми идоракунӣ тааллуқ доранд, нақши калидӣ дошта, дарёфту истифодаи онҳо бо маблағи камтарин самаранокии фаъолияти истеҳсолиро баланд мебардоранд; дар натиҷаи мукаммалгардонии тадбирҳои агротехнологӣ, риояи принсипҳои ташкили истеҳсолот, беҳтар кардани таъминоти моддӣ-техникӣ, ташкили илмии меҳнат, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва г. барои арзёбии манбаъҳо ва сарчашмаҳои захираҳои истифоданашудаи истеҳсолӣ методҳои ҳисоби коҳиши зарари зироатҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудаанд.

5. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама зарурати таъсиси низоми махсуси маҷмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору зернизомҳои он асоснок карда шудаанд.

6. Асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ коркард карда шудаанд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муқаррароти муаллифӣ доир ба табиати захираҳои истеҳсолӣ ва мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодию ташкилӣ ва идоракунии оқилонаи

(ҳамчун раванди дарккардашуда) равандҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ;

- гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаи байниҳамдигарии онҳо, ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асоснокнардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбад;

- муайян кардани иттилооти нави идоракунӣ дар асоси арзёбии ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз рӯйи меъёрҳои муаллиф ва ғ.;

- асосноккунии бартарияти манбаъҳои ташкилии истифодаи оқилона, ки ба ҳамаи низоми идоракунӣ тааллуқ доранд, инчунин методҳо ва арзёбии манбаъҳои истифоданашудаи захираҳои истеҳсолӣ;

- коркарди пешниҳодот доир ба таъсиси маркази методӣ оид ба ташаккули низоми ҳамгироии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар доираи иттиҳодияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору ҷузъу томҳои он;

- таҳияи асосҳои консептуалии коркард ва амалигардонии муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар самти рушди методҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ).

Дар мухаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, муайян намудани дараҷаи коркарди масъала, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқикот, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии он баён гардидааст.

**Дар боби якум - «Ҷанбаҳои назариявии истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаҳои истеҳсолӣ»** (саҳ. 15-68) муносибатҳои назариявӣ ба шарҳи моҳияти захираҳои истеҳсолии корхона таҳқиқ карда шудаанд, ба моҳияти мафҳуми «истифодаи оқилона» равшанӣ андохта шудааст, омилҳое, ки ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро муайян мекунанд, гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ҳамчунин муносибати методӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ омӯхта шудааст.

Дар диссертатсия таъкид карда шудааст, ки вобаста ба ташаккулу рушди таълимоти рушди устувор зарурати гузариш ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳо ба миён омадааст, ки натанҳо аз афзудани сатҳи маҳдудияти онҳо, балки аз коҳиш ёфтани қобилияти муҳити табиӣ ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ низ вобаста аст.

Муаллиф ба шарҳи мафҳуми ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама ба аниқ намудани мазмуни категорияҳои бо ҳам алоқаманд - «омилҳои истеҳсолот», «захираҳои истеҳсолӣ» ва «иқтидори захиравӣ» таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мафҳуми «захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи унсурҳои байни ҳам алоқаманди истеҳсолот, ки дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, бевосита ё бавосита дар раванди истеҳсоли маҳсулоти гуногун иштирок мекунанд, муайян карда шудааст (ҷадвали 1.1, саҳ.16-20).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси омӯзиши адабиёти иқтисодӣ доир ба мавзӯи илмӣ ба мафҳумҳои оқилона ва самаранок, ки аз рӯйи маънояшон ба ҳамдигар наздик буда, якдигарро пурра менамоянд, муқаррарот бароварда шудааст. Мафҳумҳои истифодаи оқилона ва самараноки захираҳо, ки аз ҷониби олимони ватанӣ тавсиф карда шудаанд, дар ҷадвали алоҳида инъикос гардидаанд (ҷадвали 1.2, саҳ. 22-25).

Унвонҷӯй таъкид кардааст, ки дар аксари таҳқиқоти олимони ватанӣ миёни мафҳумҳои истифодаи «оқилона» ва «самаранок»-и захираҳо фарқгузорӣ нашудааст. Аз рӯи ақидаи ӯ фаъолияти самаранок на ҳама вақт метавонад оқилона бошад. Фаъолият ё амал танҳо ҳамон вақт оқилона дониста мешавад, ки агар корхона бо роҳи истифодаи комбинатсияҳои миқдорию сифатии оптималӣ ва асосноккардашудаи захираҳо ба мақсадҳои худ ноил гардад ё ин ки ба он наздик шавад. Такя ба парадигмаҳои классикӣ муаллиф қайд намудааст, ки истифодаи оқилонаи захираҳоро бояд ҳамчун раванди дарккардашуда, мутобиқ ба ҳаҷми меҳнати зарурии ҷамъиятӣ, ки ба истифодаи самараноки онҳо мусоидат менамояд, шарҳ дод. Ин раванд зуҳуроти бефосила буда, бо инкишофи ақида ва фаъолияти ақлонии инсон алоқаманд мебошад. Дар натиҷаи дастовардҳои илмӣ он чизе, ки дирӯз оқилона буд, имрӯз метавонад ғайриоқилона гардад. Масалан, метавон самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро дар натиҷаи бефосила истифода бурдани поруҳои минералӣ ва маводҳои кимиёвӣ зиёд намуд. Аммо ин самаранокии кутоҳмуддат сифати оқилона надорад, зеро минбаъд ба рӯи кор омадани зуҳури қонуни «таназзули манфиатнокии замин»-ро, ки восита ва захираи асосии соҳаи кишоварзӣ мебошад, боис мегардад (саҳ. 26-28).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки барои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ гурӯҳбандии маҷмуавии онҳо дар асоси меъёрҳои умумӣ ва қонуниятҳои алоқаҳои байниҳамдигарӣ муҳим мебошад. Пеш аз ҳама, захираҳои табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ҳамчун захираҳои асосӣ ва ё заминавӣ ва захираҳои маъмурӣ, патентию иҷозатномадошта, технологӣ ва молиявӣ ҳамчун ҳосили захираҳои асосӣ дида баромада шудаанд.

Аз тарафи муаллиф ҷиҳати ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ пешниҳод карда шудааст, ки муносибати низомӣ истифода бурда шавад. Мақсаднокии истифодаи муносибати низомӣ аз зарурати таҳлили нафақат унсурҳои алоҳидаи низоми истеҳсолот, балки аз таҳқиқи маҷмуавӣ ва низомии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ бармеояд. Ҳамчунин масъалаи муносибатҳои методологӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ асоснок карда шудааст. Низоми воқеии арзёбии сатҳи ИОЗИ таҳия гардида, вазифа, мақсад ва марҳилаҳои коркарди он муайян карда шудааст (расми 1.1, саҳ. 56).

Принсипҳои асосие, ки бояд асоси интихобу коркарди қоидаҳои методӣ ва расмӣ, инчунин усулҳои арзёбиро ташкил диҳанд, нишон дода шудаанд (ҷадвали 1.5, саҳ. 57-59).

Номгӯйи омилҳо ва шароитҳои ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таъсиррасон муайян гардиданд, ки онҳо имконият

медиҳанд параметрҳои идорашавандаи низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҷудо карда шаванд.

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили ҳолати муосири истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон»** (саҳ. 69-123) таҳлили маҷмуавии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар хоҷагиҳои аграрии вилоят гузаронида шудааст.

Дар диссертатсия кабл аз ҳама, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон таҳлил карда шудааст. Дар натиҷа маълум гаштааст, ки солҳои 2017-2021 истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзии вилоят 46,3% зиёд гардидааст. Ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ аз 10145,3 то 15385,0 миллион сомонӣ зиёд шудааст, ки афзоиши он 151,6%-ро ташкил медиҳад. Вазни хоси он дар сохтори маҷмуи маҳсулот аз 71,7% то ба 74,3% ё 2,6 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Афзоиши маҷмуи маҳсулоти чорводорӣ 132,6%-ро ташкил медиҳад. Маълум карда шудааст, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби зиёдшавии истеҳсоли соҳаи растанипарварӣ рушд ёфтааст (ҷадвали 2.1, саҳ. 70).

Дар таҳқиқот таъкид гардидааст, ки дар иқтисодиёти кишоварзӣ асосан се гурӯҳҳои захираҳои истеҳсолӣ истифода бурда мешаванд: заминҳои кишоварзӣ, қувваи корӣ ва воситаҳои техникӣ. Дар доираи он тағйиротҳои сохтории дар соҳаи кишоварзии вилояти гузаронида шуда таҳлил карда шудааст. Дар вилояти Хатлон соли 2021 майдони кишт 430,5 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 16,6 ҳазор гектар зиёд мебошад. Дар ин давра истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳар як гектар майдони кишт аз 34,1 то 48,1 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, афзоиш 140,7% -ро ташкил додааст. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ бошад, аз ҳар гектар майдони кишт аз 24,5 то 35,7 ҳазор сомонӣ ва ё 45,8% боло рафтааст. Зиёда аз 74% маҷмуи маҳсулот барои ҳар як гектар замини кишт ба соҳаи растанипарварӣ рост меояд (саҳ. 74-75).

Захираҳои меҳнатии кишоварзӣ сарчашмаи муҳими истеҳсолоти соҳаи аграрӣ мебошад. Меҳнати хоҷагии кишоварзӣ яке аз меҳнатҳои мушкил дар соҳаи иқтисодиёт ба шумор меравад, зеро дар ин ҷо ба раванди истеҳсолот омилҳои табиӣ, иҷтимоӣ, физикӣ, генетикӣ ва биологӣ таъсир мерасонанд. Дараҷаи тахассусии кормандон ҳамчун сармояи инсонӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошад: сатҳи маълумоти умумӣ, муҳлати омодагии касбӣ, собиқаи умумӣ ва собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос, синну сол ва қобилияти фардии ҳар як шахс. Дар соҳаҳои кишоварзӣ нишондиҳандаҳои умумии интенсификатсияи кадрҳои ихтисосиро сатҳи касбияту кордонии кормандон ташкил медиҳад. Дар доираи масъалаи мазкур муаллиф дар раванди таҳлил муайян кардааст, ки дар соҳаи иқтисодиёти аграрии вилояти Хатлон шумораи кормандони шуғлдошта афзоиш ёфта истодааст. Дар давраи солҳои 2017-2021 шумораи кормандоне, ки дар соҳаи иқтисодиёти кишоварзии вилоят фаъолият мекарданд аз 289,5 то 309,7 ҳазор нафар зиёд гардида, афзоиши онҳо 107%-ро ташкил дод. Мутаносибан шумораи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, нисбат ба ҳамаи кормандони дар соҳаҳои дигари

иқтисодиёт машғулбуда аз 64,7% то 63,6%, ё ба андозаи беш аз 1 банди фоиз кам гардидааст.

Дар давраи таҳлилӣ музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ аз 369,16 сомонӣ то 537,29 сомонӣ зиёд гардида, афзоиши он ба 145,5% баробар шуд. Соли 2021 музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ 47%-и сатҳи миёнаи музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони ҳамаи иқтисодиёти вилоятро дар бар гирифт. Маҳсулнокии меҳнат ҳамагӣ 36,9% афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи фонди солонаи музди меҳнати як нафар коргар нисбат ба маҳсулоти истеҳсол карда шуда ба як нафар одам аз 9,05 то 9,6% зиёд гардидааст, ки чунин таносуб барои истифодаи оқилона ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳавасмандгардониро ба вуҷуд оварда наметавонад (саҳ. 76-77).

Заминаи моддӣ-техникии иқтисодиёти кишоварзӣ ва низоми мошинҳои кишоварзӣ сатҳи инкишофи индустриалии соҳаро муайян мекунад. Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон раванди зиёдшавии ҳайати саройҳои тракторҳо ва мошинҳои хоҷагии кишоварзӣ дида мешавад. Дар давраи солҳои 2017- 2021 шумораи тракторҳо аз 12144 то 13173 адад зиёд гардидааст, яъне 1029 адад афзоиш ёфтааст. Мувофиқан нишондиҳандаҳои тракторҳо барои 1000 гектар майдони кишт аз 29,3 то 30,6-адад зиёд гардидааст.

Дар ин давра миқдори комбайнҳои галладарав низ 8 адад зиёд гардида, барои 1000 гектар майдон аз 1,09 то 1,1-адад афзоиш ёфтааст. Мошинҳои пахтачинӣ бошад, баъди соли 2017 пайдо гардиданд. Соли 2021 корхонаҳои кишоварзии вилоят дар ихтиёрашон 11-адад чунин мошинҳоро доштанд. Ин рақам соли 2018 10-ададро ташкил медод. Барои 1000 гектар майдони пахтазор айни замон 0,02-адад мошинҳои пахтачин рост меояд. Тағйирёбии миқдори мошинҳои боркаш (145-адад кам) дар натиҷаи раванди ивазкунии саройи мошинҳо ба мошинҳои нави каммасраф ва фоидабахш сурат гирифта истодааст (ҷадвали 2.7, саҳ. 78).

Дар диссертатсия сатҳи истифодаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, арзёбии сатҳи ташкили ИОЗИ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи самтҳо ва меъёрҳои зерин гузаронида шудааст: пуррагии иҷрои вазифаҳо ва фаъолият оид ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ИОЗИ); ҳамкориҳои якҷояи иштирокчиёни раванди истеҳсолот дар истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ; тавсифи умумии корхонаҳои таҳлилшаванда (ҷадвалҳои 2.8 ва 2.9, саҳ. 83-85).

Таҳлилҳо нишон доданд, ки номгӯйи чорабиниҳо ва фаъолияте, ки бо ташкили истеҳсолот вобастаанд, раванди мураккаб буда, ба он дар субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт аҳамияти зарурӣ ҷудо карда намешавад. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ асосан методикаҳо ва нишондиҳандаҳои кӯҳнашудаи арзёбии онҳо истифода бурда мешаванд. Дар натиҷаи он зиёдшавии сатҳи арзиши истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ мушоҳида гардида истодааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки дар вилояти Хатлон зиёда аз 44% майдони киштро ғалладонагиҳо ишғол мекунанд. Тибқи муносибати таҳлилии АВС, унсуре, ки зиёда аз 20%-и низомро ишғол менамояд, дар маҷмуъ ҳолати низом ва 80% натиҷаи онро муайян месозад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дараҷаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ асосан аз самаранокии истифодаи захираҳо дар хоҷагиҳои ғаллакор вобаста мебошад. Барои идора кардани хароҷоти захираҳо ва ташкили истифодаи оқилонаи онҳо, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии вобастагии ташаккули арзиши 1 сентнер ғалла ба унсурҳои хароҷот дар мисоли хоҷагиҳои ғаллакори минтақаи Вахш гузаронида шудааст.

Муайян карда шудааст, ки алоқаи аз ҳама баланди коррелятсионӣ дар байни арзиш ва унсурҳои зерини хароҷот вуҷуд доранд: нигоҳдории воситаҳои асосӣ, аз ҷумла, хароҷот барои равғанҳои молиданию сӯзишворӣ (РМС) ва хароҷоти дигар; дар натиҷаи ба 1 сомонӣ зиёд намудани хароҷот ба ин гуна унсурҳо арзиши маҳсулоти галладона ба ҳисоби миёна ба 5,2 сомонӣ зиёд мешавад. Дар ҳолати ба 1% зиёд намудани ҳиссаи онҳо арзиши галладона ба зиёда аз 30% зиёд мегардад (ҷадвалҳои 2.18 ва 2.19, саҳ. 103-104). .

Дар таҳқиқи диссертатсионӣ қайд гардидааст, ки мақсади аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ гирифтани фоидаи ҳарчӣ зиёдтар мебошад, ки он бо роҳи паст кардани хароҷоти маҳсулот ба даст оварда мешавад. Бинобар ин, даромаднокӣ ва фоиданокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳое баромад мекунанд, ки сатҳи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолиро тавсиф медиҳанд. Аммо дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2017-2021 миқдори корхонаҳои кишоварзии зараровар аз 119 то 448 адад, яъне, 329 воҳид зиёд шудааст. Гарчанде ки ҳаҷми зарари онҳо дар давраи мазкур аз 10,1 то 2,6 млн. сомонӣ паст шуда бошад ҳам, лекин аксари онҳо аз ҳолати фаъолияти зараровар набаромадаанд. Дар баробари ин, корхонаҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо муваффақият ва фоидаовар мебошанд. Дар давраи зикргардида шумораи чунин корхонаҳо аз 37 то 368 воҳид, яъне 331 адад зиёд шуда, ҳаҷми даромади онҳо аз 0,43 то 24,4 млн. сомонӣ (саҳ. 105) расидааст. Яъне, суръати зиёдшавии миқдори корхонаҳои зараровар бо суръати зиёдшавии корхонаҳои фоидаовар қариб, ки баробар мебошад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар фаъолияти иқтисодии худ истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ба роҳ мондаанд. Дар умум, метавон гуфт, ки дар давраи солҳои 2017-2021 миқдори зарари бадастовардаи онҳо коҳиш ва ҳаҷми даромадашон афзоиш ёфтааст. Вале дар раванди истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот ҳоло ҳам сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳо паст мебошад.

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Роҳҳои асосии мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ»** (саҳ. 124-170) роҳҳои мукаммалгардонии механизми ташкилии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Заминаҳои

консептуалии таҳияи низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НИОЗИ) коркард карда шуда, татбиқи методи барномавӣ дар ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ асоснок карда шудаанд.

Муаллиф қайд намудааст, ки амалигардонии муносибати низомӣ нисбат ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона зарур ва дар як вақт раванди ниҳоят мураккаб мебошад. Вазифаи асосии муносибати низомӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз рӯйи имконият бақайдгирии миқдори зиёди омилҳо, шароит ва унсурҳои низомҳои истеҳсолот мебошад, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда ва имкониятҳои максималии истеҳсолот ташкили манбаъро иҷозат медиҳад.

Муносибати низомӣ ҳамчун воситаи омӯзиши проблемаҳои ташкили истеҳсолот ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, ки зернизоми истеҳсолот мебошад, пешниҳод менамояд, ки ҳар як проблема ҳамчун умумияти ягона бо назардошти ҳамаи алоқамандиҳои байниҳамдигарии онҳо, ташаккули возеҳи мақсадҳо ва вазифаҳои низомҳо, тобеияти вазифаҳои маҳдуди зернизомҳои алоҳида ба мақсадҳои ягонаи низомҳо, баҳисобгирии ҳаматарафаи воситаҳои бо ҳалли ин масъала алоқаманд таҳқиқ карда шаванд (саҳ. 129).

Дар диссертатсия ҳамчунин дар асоси муносибати низомӣ модели баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона таҳия карда шудааст. Алгоритми раванди баланд бардоштани ИОЗИ тартиб дода шудааст, ки аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

1. Воридшавӣ: омодагӣ ва банақшагирӣ.
2. Равандӣ: баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ.
3. Баромад: арзёбии сатҳи ИОЗИ, дастгирии сатҳи ИОЗИ, назорат (саҳ. 131).

Асоснок карда шудааст, ки дар ташкили НИОЗИ истифода бурдани методҳои барномаи мақсаднок нақши калидӣ дорад. Муносибати барномаи мақсаднок имконият медиҳад, ки дар муҳлати муайяни вақт чораҳои махсуси барномавӣ амалӣ гардида, ҷустуҷӯйи роҳҳои самарабахш ва оптималии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда шавад.

Қайд карда шудааст, ки ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва таъмини методии идоракунии захираҳо талаб менамоянд, ки барои корхонаҳои кишоварзӣ ниҳод (институт) ё хадамот, ки ин гуна вазифаҳоро иҷро мекунанд, таъсис дода шавад. Аммо бо сабаби маҳдуд будани захираҳои молиявиашон, дар ҳамаи хоҷагиҳои хурд таъсис додани чунин шакли ташкилӣ душвор мебошад. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар сатҳи Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ё дар назди комплекси агросаноатии ноҳия ё вилоят ягон марказе, ки ба мукаммалгардонии низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НТИОЗИ) машғул шаванд, таъсис дода шавад. Инчунин вазифаҳои маркази НТИОЗИ - ро маълум карда, алгоритми онро таҳия намудааст, ки аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад (саҳ. 140-143, расми 3.3).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ принсипҳои ташкили ИОЗИ кор карда баромада шудааст (ҷадвали 3.2, саҳ. 144-145).

Ба ақидаи муаллиф, банақшагирии чорабиниҳое, ки ба таҳкими сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ равона карда шудаанд, фавқулодда мебошанд. Дар ин нақшаҳо ҳар сол иҷро кардани чорабиниҳо пешбинӣ мегарданд, аммо муҳимияти онҳо дар амалӣ намудани нақшаи умумии идоракунии захираҳо ба ҳисоб гирифта намешавад. Барои бо муваффақият ҳал кардани ин масъала ба тарзи воқеӣ муайян кардани самтҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад (расми 3.5, саҳ. 159).

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Объективӣ будани усулҳои таҳқиқот, эътимоднокии заминаи назариявӣ ва методологӣ, истифодабарии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумотҳои оморӣ, инчунин пурсиши роҳбарони хоҷагиҳои кишоварзии баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаю баёнияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо тасдиқ менамоянд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Вазифаҳои дар рисолаи диссертатсионӣ гузоштаи муаллиф ба мақсади таҳқиқот мувофиқ мебошад. Сохтори гузоштани маводҳои рисола мантиқи дуруст дорад. Хулосаю пешниҳодҳои коркарднамудаи муаллиф асоснок ва дақиқ мебошанд, чунки онҳо ба усулхои навтарини таҳқиқоти иқтисодӣ такя мекунанд.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намуданд. Аз руйи натиҷаҳои таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 3,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд. Натиҷаҳои назариявӣ-методологие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниход гардидаанд.

## 7. Мутобикати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА

Кори диссертатсионии Маҳкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар

Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 июни соли 2021 тахти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

**8. Хулоса**

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбат баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳо лозим ба қайд мебошанд. Аз ҷумла:

1. Мавзӯи диссертатсияи мазкур аз ду қисм иборат буда, меҳвари васеи илмию амалиро дар бар мегирад, ба монанди методҳо ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ. Аммо дар сохтори зербобҳои 1.1 ва 1.2-и боби 1-ум ба унвони боб начандон мутобиқат менамояд.

2. Дар боби 2-юми кори диссертатсионӣ камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

А). Як қатор маводҳои овардашуда (саҳ. 111-122) бештар ба қисми назария тааллуқ доранд. Арзёбии банди 2.3 бо ду ҷадвали оморӣ таҳлил гашта, қисми зиёди он ба назария бахшида шудааст (саҳ. 112-128). Агар муаллиф вазни қиёсии корхонаҳои зараровар ва фоидаоварро аз маҷмӯи корхонаҳо нишон медод, хулоса аниқтар мегардид.

Б). Агар маълумотҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ нишондиҳандаҳои сифатӣ, ба монанди истифодаи замин, даромад, фоида, дараҷаи даромаднокӣ, ва ғ.-ро низ муаррифӣ мекард, мазмуни кор боз ҳам беҳтар мегардид. Дар ҳошияи ин, бояд илова намуд, ки таҳлили самаранокии истифодаи замин аз рӯи миқдори майдон начандон дуруст мебошад. Зеро даромад аз 1 га замини ғалла аз даромади пахта хеле фарқ мекунад. Ҳол он ки дар вилояти Хатлон соҳаи пахтакорӣ мавқеи хосеро ишғол менамояд. Беҳтар мешуд, агар самаранокии истифодаи замин бо ҳаҷми даромад (шакли арзӣ) таҳлил мегашт.

В). Истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар мисоли зироатҳои ғалладона ва картошка гирифта шудааст, ҳоло он ки махсусгардонии кишоварзии вилояти Хатлон соҳаи пахтакорӣ мебошад.

Г). Бояд қайд кард, ки дар кишоварзӣ ба ғайр аз техника боз дигар воситаҳои асосии истеҳсолӣ истифода мешаванд, ки ба самаранокии соҳа таъсири худро мерасонанд. Аз ин лиҳоз, агар дар диссертатсия ҳолати истифодаи онҳо низ бо нишондиҳандаҳои мушаххас нишон дода мешуд, сифати кори мазкур боз ҳам ғанӣ мегардид.

3. Дар боби 3-юми диссертатсия масъалаҳои гузошташуда хеле васеъ ва дар доираи асосҳои консептуалӣ арзёбӣ гаштааст. Агар дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки натиҷабардориро исбот ва боз ҳам мекаммал меғардонид, пешниҳод карда мешуд, сифати кор баландтар мегашт.

4. Бояд қайд кард, ки ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маблағгузории бевоситаро талаб менамояд. Бинобар ин, агар дар доираи кори диссертатсионӣ каме дар бораи ин масъала маълумот дода мешуд, сифати таҳқиқоти илмӣ боз ҳам хубтар мегардид.

5. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад. Агар бе расонидани таъсир ба сифати кор он то 160-165 саҳифа кам карда мешуд, ба маврид мебуд.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, онҳо зуд бартарфшаванда мебошанд ва наметавонанд арзиши илмӣ ва амалии диссератсияи мазкурро коста намоянд. Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашргардидаи муаллиф дар худ таркибу мухтавои асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода мекунанд.

Диссертатсияи Маҳкамова Ҷамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Насиров Р.

Имзои Насиров Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шохтемур Абдуҳалимзода Н. А.

**Суроға:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 146,
Факс: 224-7207, http://www.tajagroun.tj.
E-mail: olimov-1976@mail.ru)